**Ба Шӯрои диссертатсиониии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар Тоҷикистон давоми нуҳ моҳи соли 2022 шумораи соҳибкорон, ки тавассути шабакаи Интернет ба тиҷорати электронӣ машғуланд, ба 964 адад расидааст. Нашрияи “Боҷу хироҷ” бо такя ба маълумоти Кумитаи андоз Тоҷикистон навиштааст, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 362 адад ва маблағҳои ба буҷет пардохтнамудаи онҳо мутаносибан 5,1 млн сомонӣ зиёд аст. Ин манбаъ менависад, ки даромади умумии соҳибкорони дар соҳаи тиҷорати электронӣ фаъолияткунанда, дар маҷмӯъ, 104,6 млн сомониро ташкил дода, ин нисбат ба соли гузашта 17,8 млн сомонӣ бештар мебошад. Соҳибкорони мазкур дар ин давра ба буҷет 12,7 млн сомонӣ андоз пардохт кардаанд. Инчунин, тибқи иттилои манбаъ, дар нуҳ моҳи соли 2022, аз ҷониби 38 соҳибкорие, ки ба фаъолияти блогерӣ машғул мебошанд, наздики 500 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ба буҷет пардохт гардидааст. Дар баробари ин 23 шахси ҳуқуқии хориҷие, ки дар Тоҷикистон ба хидматрасониҳои электронӣ машғуланд ва дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудаанд, ба маблағи беш аз 1 миллиону 500 ҳазор сомонӣ андоз аз арзиши иловашуда пардохт кардаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар он аст, ки ин таҳқиқот дар асоси мавқеи устувори тадқиқотиву ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии савдои

фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар ҶТ гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии тадқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар ҶТ масъалаи танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ба тадқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ баҳри коркарди механизмҳои нави ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ талабот вуҷуд дорад. Ин рисола аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани тадқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ба амал бароварда шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии автореферати диссертатсия 27 саҳифаро ташкил медиҳад.

Боби якуми диссертатсия – тавсифи умумии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ном дошта, дар он масъалаҳои савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, қонунгузории танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар боби дуюм, ки махсусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ном дорад, муаллиф масъалаҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ, шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ, ҷавобгарии маданӣ барои вайрон кардани муқарраротҳи қонунгузорӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасониро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ бо назардошти мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Асосҳои методологии тадқиқотро усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва

ғайра ташкил медиҳанд. Ҳамаи ин ба таъмини самаранокии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар амал нигаронида шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти калон ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Автореферати диссертатсионии Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Холмаҳмадзода С.

Тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
махсуси Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.

Суроға: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 42; Телефон: 221-11-64

16.02.2024